# Тарзи навишт ва талаффузи ҳарфҳои ث – ت – ب -ا

**Ҳарфҳои** ث ت پ ب

Ҳарфҳои ب*(бо)*, پ*(по)*, ت*(то)*, ث*(со)* шаклан як хел буда, бо миқдор ва ҷойи нуқтаҳояшон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ҳарфи ب овози *«б»*, پ овози *«п»* , ت овози *«т»* ва ث овози *«с»*-ро ифода мекунанд.

Ҳарфҳои ب پ ت ث бо ҳарфҳои мунфассила ин тавр навишта мешаванд:

1) бо ا *(алиф)* – باز بار بابا با :با
تاتار تاز تار تا پا باور بازار بازو

2) бо ذ د *(дол, зол)* – پدر بدر بد:بد

3) бо ژ ز ر ***(ро, зайн, же)*** – بر:بر
پر تر

4) бо و ***(вов)*** – پرتو ثور تور بور:بو

| Дар охир ҷудо ё дар алоҳидагӣ | Дар охир пайваст | Дар мобайни калима | Дар аввали калима |
| --- | --- | --- | --- |
| ب | ـب | ـبـ | بـ |
| پ | ـپ | ـپـ | پـ |
| ت | ـت | ـتـ | تـ |
| ث | ـث | ـثـ | ثـ |

Агар ҳарфҳои мунфасила пеш аз ҳарфҳои муттасила (дар айни замон пеш аз ҳарфҳои ث ت پ ب) оянд, ин шаклро доранд:

توپدار توپ برات تربوز ترب آبرو تاب باب رب آب

ارباب دوتار ابرو آثار اثر ثروت

Ҳарфҳои ث ت پ ب байни худ ин тавр пайваст мешаванд: بب

بابت ثابت پت بت تب

Агар ду ҳарфи муттасила (ث ت پ ب) ва як ҳарфи мунфасила пайдарҳам оянд шакли зеринро доранд: ببو ببر ببد ببا

تبر ببر اثبات ثبات تبار

Ҳарфҳои ث ت پ ب сетояшон пайиҳам оянд, чунин шакл мегиранд:ببب

ثبت تبت